**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Раҳимова Мунзифа Анваровна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокии функсионалӣ аз растании лӯбиёгӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ**

Раҳимова Мунзифа Анваровна соли 2011 Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникиии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷандро аз рӯйи ихтисоси "Технологияи консервакунӣ ва консентратҳои хӯрока" бо дипломи аъло хатм намудааст.

Айни ҳол Мунзифа Раҳимова ҳамчун омӯзгори калони кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи факултаи муҳандисӣ-технологии ДПДТТХ ба номи академик М.С.Осимӣ фаъолият бурда истодааст.

Мавзуи кори диссертасионии Раҳимова М.А. вобаста ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноаткунонии босуръати кишвар ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31.12.2008с. самтҳои афзалиятноки илмӣ тадқиқотӣ ва рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатӣ, инчунин ба "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) барои давраи то соли 2030" дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 2016), Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" (АМОҶТ с.2012., №4, мод. 272) пурра мувофиқ мебошад.

Дар раванди фаъолият корҳои илмӣ-амалӣ тадқиқотии худ Раҳимова М.А. бисёр фаъол буда, тавонист ҳамчу маҳсулоти функсионалӣ технологии истеҳсоли консентратро аз лӯбиё омода кунад, аз он нони гандумин бо иловаи консентрати лӯбиё коркард намуда, ба истеҳсолот пешкаш намояд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия унвонҷӯ М.А. Раҳимова худро ҳамчун мутахассиси баландихтисос, муҳаққиқи мақсаднок, мустақил, масъулиятшинос ва эҷодкор нишон дод. Хуб донистани воситаҳо ва асосҳои назариявии омӯзиш, майли ба низом даровардан ва ҷамъбаст намудани маводҳо дар сатҳи баланди илмӣ, дуруст иҷро намудани тафсири натиҷаҳо, эҷодкорӣ ва донишмандӣ имкон дод, ки Раҳимова М.А. диссертатсияро бо муваффақият ба анҷом расонад.

Мубрамии мавзӯи диссертатсия дар он дарҷ мегардад, ки тадқиқот ва коркарди технологияи маҳсулоти функсионалӣ аз ингредиентҳои функсионалӣ зироати лӯбиёгии аз сафедаҳои пурбаҳо бой ва дар худ бофтаҳои хӯрока, моддаҳои минералӣ (бахусус калий, магний, фосфор) доранда, ки яке аз зироатҳои дар шароити Тоҷикистон маъмул аст,

Лӯбиёи муқаррарӣ (*Phaseolus vulgarus*) истифода шуд, ки имконият медиҳад сафедаи ҳайвонот ба сафедаи растанигӣ иваз карда шавад.

Бори аввал аз тарафи Раҳимова М.А. технологияи консентрати лӯбиё ба намуди хока коркард шуда, барои истифода дар истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокаи функсионалӣ ба истеҳсолот пешкаш карда шуд. Дар асоси кори илмии иҷрогардида дастурамалҳо ва нақшаҳои технологии истеҳсоли консентрат аз лӯбиё омода карда шуд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар дар диссертасия оварда шуда дар 12 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаву нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, инчунин 1 нахустпатент ва 2 санади ҷорӣ намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот гирифта шудааст.

Корҳои нашршуда ва автореферет таркиби асосии диссертасияро иникос мекунад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷаи илмӣ, услуби навиштани диссертасия ва автореферат диссертасияи муаллиф мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ" ба табъ расонида шудааст.

Аз ин лиҳоз, кори диссертатсионии Раҳимова Мунзифа Анваровна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокии функсионалӣ аз растании лӯбиёгӣ" натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» банди 31 ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ мешуморам.

**Роҳбарӣ илмӣ:**
Дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ,
мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ), **Рашидов Н.Ч.**
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои дотсент, д.и.к. Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК ДПДТТХ **Ёкубова М.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

10/06/2023с.